آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**5 июни соли 2024**
**Чоршанбе**
**№ 44 (15055)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ САРМОЯГУЗОРӢ БО АРАБИСТОНИ САУДӢ БАРРАСӢ ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 4 июн ҳамраиси Шўрои соҳибкорони Ўзбекистону Саудия, раиси раёсати ширкати «ACWA Power» Муҳаммад Абунайянро қабул кард.**



Масъалаҳои кунунии тавсеаи минбаъдаи ҳамкории амалӣ бо ширкатҳои бонуфузи Арабистони Саудӣ, рафти татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ баррасӣ шуданд.

Сарвари давлатамон бо қаноатмандӣ қайд кард, ки шарикии судманд бо ширкати «ACWA Power» ба сатҳи баланд расидааст. Нақши асосии ширкат дар навкунии сохтори энергетикии кишвар дар асоси технологияҳои сабз таъкид гардид.

Имрўз портфели муштараки лоиҳаҳои ҷорӣ ва пешомаднок аз 17 миллиард доллар мегузарад.

Аҳамияти идомаи корҳои фаъол оид ба ҷалби ширкатҳои саудӣ ба кишвари мо дар доираи фаъолияти Шўрои соҳибкорон қайд гардид.

Ба масъалаҳои тезондани татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи такмилдиҳии инфрасохтори фурудгоҳҳо, рушд ва рақамикунонии соҳаи энергетикӣ, замонавикунии шабакаи таъминоти гармӣ, коркарди партовҳо, истеҳсоли маҳсулоти дорусозӣ ва бофандагӣ, кушодани клиникаҳои тиббӣ, ташкили маркази сайёҳӣ, пешбарии лоиҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва ғайра эътибори ҷудогона дода шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ТУРКИЯ САФАРИ РАСМӢ АНҶОМ МЕДИҲАД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған 6 июн ба ин кишвар бо боздиди расмӣ ташриф меорад.***

Дар барномаи будубош баргузории ҷамъомади сеюми Шўрои ҳамкории стратегӣ дар Анқара тахти раёсати роҳбарони ду кишвар ба нақша гирифта шудааст.

Аз рўзномаи ҳамоиш масъалаҳои рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегии Ўзбекистону Туркия ҷой гирифтааст.

Ба густариши ҳамкории амалӣ, пеш аз ҳама, вусъат додани ҳаҷми муомилоти мол, пешбурди лоиҳаҳои кооператсия дар соҳаҳои саноат, энергетикаи «сабз», электротехника, бофандагӣ, дорусозӣ, сектори аграрӣ ва дигар самтҳо, аз он ҷумла дар доираи барномаи шарикии давлатию хусусӣ эътибори алоҳида нигаронда хоҳад шуд.

Масъалаҳои идома додани табодули фаъоли фарҳангиву башардўстӣ баррасӣ хоҳанд шуд. Оид ба ҷанбаҳои муҳими сиёсати байналмилалӣ мубодилаи афкор барпо мегардад.

Бинобар натиҷаҳои музокироти сатҳи олӣ қабули як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба ба нақша гирифта шудааст.

Илова бар ин, президентҳои Ўзбекистон ва Туркия бо роҳбарони корхонаву ширкатҳои бонуфузи ду кишвар мулоқоти нахустини муштарак баргузор мекунанд.

**ЎзА.**

# СЎХ: ДИРЎЗ, ИМРЎЗ ВА ФАРДО

## 1. Ба ҷойи муқаддима

***Ноҳияи Сўх аз чаҳор тараф дар иҳотаи вилояти Боткенти Ҷумҳурии ҳамҷавори Қирғизистон воқеъ гаштааст. Барои ҳамин дар айни ҳол ин ноҳия барои Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳудуди эксклав маҳсуб меёбад. Мардуми он аз тариқи гузаргоҳҳои Риштон-Қайтмас ва Водил-Қадамҷо ба минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ равуо мекунанд. Интизор меравад, ки дарояндаи наздик боз як гузаргоҳи дигари байни ду кишвар боз хоҳад шуд ва равуои шаҳрвандони ду кишварро сода хоҳад кард.***

Бо вуҷуди дар чунин минтақаи дурдаст воқеъ гаштани ноҳияи Сўх шаҳраку рустоҳои он куллан намои тоза касб намудаанд. Ба ин қабул шудани қарори Президенти мамлакат «Дар бораи тадбирҳои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона дар солҳои 2020-2021» боис шудааст.



Дар қарори мазкур ривоҷ додани тамоми соҳаҳо мадди назар буд. Аз ҷумла, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, пуштибонӣ аз соҳибкорӣ, ривоҷи кишоварзӣ ва чорвопарварӣ, тармими роҳ ва беҳбуди кори нақлиёт, фароҳам овардани шароити беҳтари манзил барои аҳолӣ, рушди корҳои ободу зебогардонӣ, таъмини базаҳои моддӣ-техникии соҳаҳои таълими халқ ва тандурустӣ, таъмини бекорон бо шуғл ва амсоли он маҳз дар қарори Президент зикри худро ёфтаанд.

– Агар ба гузаштаи чанд соли муқаддам назар афканем, мебинем, ки баъди имзо ва судури ин қарор бошандагони ноҳияи Сўх аз супурдани андози молу мулк ва замин озод шуданд, майдони ҳавоӣ сохта шуда, ҳавопаймоҳои кучак дар хати сайри Фарғона-Сўх ва Сўх-Фарғона мардумро бо нархи арзон аз як манзил ба манзили дигар интиқол медиҳанд. Ҳатто барои аҳолии ноҳияи Сўх дар ноҳияҳои Ёзёвон, Қўштепа, Бағдод, Риштон ва Бувайдаи вилоят барои шуғл ба кори деҳқонӣ ҷудо кардани замин дар қарори мазкур сабт ёфтааст, – гуфт зимни суҳбат ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмўсоев. – Дар муддати кўтоҳ корҳои назарраси ободонӣ ва ҳалли масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ ба роҳ монда шуданд. Роҳҳои дохилӣ мумфарш гардиданд, барои обёрии киштзори аҳолӣ ва оби ошомидании мардум чанд насоси обкаши барқӣ насб гардиданд ва ин раванд ҳанўз идома дорад. Бо иқдоми Президент Шавкат Мирзиёев 500 нафар ҷавонони сўхӣ, ки мактабҳои таълимоти умумӣ ва литсею коллеҷҳои касбу ҳунарро ба забони тоҷикӣ хатм кардаанд, бидуни пардохти пули шартномавӣ ба донишкадаву донишгоҳҳо дохил шуданд.

– Бисту шаш ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳияи Сўх 83 ҳазору 900 нафар аҳолиро муттаҳид намудаанд, ки 41 ҳазору 451 нафарро захираҳои меҳнатӣ ташкил мекунанд. Ҳудуди 99,7 ҳиссаи ин аҳолӣ аз мардуми тоҷиктабор, як қисми дигар аз мардуми қирғизтабор ва ўзбекҳо, инчунин намояндагони миллатҳои



дигар, мисли русу тоторҳо иборатанд,– иброз дошт ҳокими ноҳия.

Гуфта шуд, ки аз муассисаҳои омўзишу парвариш 29 мактаби таҳсилоти умумӣ ва ду мактаби тахассусӣ фаъолият мекунанд, ки ҳудуди 12 ҳазор фарзандони мардуми ноҳияро ба таҳсилу тарбия фаро гирифтаанд. Ба онҳо дастикам се ҳазор омўзгорон сабақ медиҳанд. Дар радифи мактабҳои таҳсилоти миёна ду литсейи академикӣ мавҷуд буда, шогирдони он аз рўи барномаи хос таълиму тарбия мегиранд, то ки дар оянда ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил шаванд. Ду коллеҷи касбу ҳунар барои ноҳия омўзгорон ва тарбиячиён, кишоварзон ва механизаторони соҳаи кишоварзӣ, инчунин ронандагони категорияҳои гуногунро тайёр мекунанд. Теъдоди талабагони он наздики 550 нафар мебошад.

Дар шифохонаи марказии ноҳия шуъбаи бемориҳои узвҳои дарунӣ, шуъбаи баҳушоварӣ, шуъбаҳои кўдакона, бемориҳои сироятшаванда, духтури дандон, «Ёрии таъҷилӣ», зоишгоҳ ва амсоли он ба мардум хидмат мерасонанд. Инчунин дар поликиникаи назди шифохонаи марказӣ шуъбаҳои гуногуни тиббӣ фаъолият мекунанд, ки бо муоина ва муолиҷаи беморон машғуланд.

– Танҳо дар панҷ соли охир дигаргуниҳои ноҳияи Сўхро метавон баробари панҷоҳ соли пеш арзёбӣ намуд. Зеро дар ин муддат барои идораҳои давлатӣ чандин иншоот барпо гардиданд, ба манзури беҳбуди соҳаи таълими томактабӣ ва таҳсилоти миёна биноҳои иловагии замонавӣ сохта шуданд, ки бо анҷом ва таҷҳизоти лозима таъмин мебошанд, – зикр намуд Сайидбаҳром Сайидмўсоев.

Ба таъкиди ҳокими ноҳия фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ барои мардум аз вазифаҳои аввалиндараҷа мебошанд, ки Президенти мамлакат пешбинӣ намудааст. Вай мегўяд, дар доираи Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» дар «Соли дастгирии ҷавонон ва соҳибкорӣ» мақомоти роҳбарии ноҳия як қатор чорабиниҳои муҳимро тахти татбиқ қарор додаанд, ки таъмини назорати он бар дўши ў мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Барандаи ҷоизаи Нобел оид ба иқтисодиёт Абҳиҷит БАНЕРҶӢ:***

# НИЗОМИ «МАҲАЛЛАБАЙЪ» ДАР ЎЗБЕКИСТОН РЕТСЕПТИ БЕНАЗИРИ БА ХУД ХОС ДОРАД

**Модели миллии Ўзбекистон оид ба коҳиш додани камбизоатӣ дар мактаби иқтисодиёти Париж тақдим гардид.**

Директори Маркази тадқиқотҳои иқтисодӣ ва ислоҳот Обид Ҳакимов дар мактаби иқтисодиёти Париж тахти мавзўи «Самарабахшии барномаҳое, ки Ўзбекистон дар чаҳорчўби усули миллии коҳиш додани камбизоатӣ татбиқ менамояд» маърўза кард.

Меҳмонон ва иштирокдорони махсуси чорабинӣ барандаи ҷоизаи Нобел оид ба иқтисодиёт Абҳиҷит Банерҷӣ, директор оид ба сиёсати J-PAL Europe Киллиан Нолан, инчунин як қатор доираҳои бонуфузи намояндагии илмии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо гардиданд. Шавқу рағбат ба ислоҳоте, ки дар Ўзбекистон татбиқ мегардад, гирди чорабинӣ қариб 30 коршиносони бонуфузи илмӣ ва байналмилалиро ҷамъ овард.

Директори МТИИ ташаббусҳои Ўзбекистонро оид ба мубориза бо камбизоатӣ муаррифӣ намуд. Таъкид гардид, ки бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ дар кишвар бори аввал «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» роҳандозӣ гардид. Агар дар соли 2017 миқдори оилаҳои гирандаи ҳифзи иҷтимоӣ 500 ҳазор нафар бошад, пас то соли 2023 ба 2,3 миллион нафар расид. Дар баробари ин хароҷоти иҷтимоӣ дар тўли панҷ сол 3,7 баробар афзуд.

Ҳамзамон роҳандозии низоми «Маҳаллабайъ» яке аз қарорҳои муассири сиёсӣ номбар шуд. Ҳамин тариқ, дар доираи барномаи солҳои 2022-2024 як миллион нафар барои лоиҳаҳои тиҷорати оилавӣ қарзҳои хурд гирифтанд. 152 ҳазор нафар шаҳрвандони дигар тавонистанд субсидия гиранд ва ташаббусҳои «Дафтари занон» ва «Дафтари оҳанин» 1,5 миллион бонувон ва 610 ҳазор эҳтиёҷмандонро дастгирӣ кард.

Дар бораи нақши барномаи давлатӣ ва мақсаднокии ислоҳот сухан ронда, барномаҳои «Ҳар як оила – соҳибкор», «Занони соҳибкор», «Бист ҳазор соҳибкорон ва 500 ҳазор мутахассисони соҳибихтисос» муаррифӣ гардиданд.

Боз як ташаббус – боғчаҳои бачагонаи оилавӣ ба бонувон имкон дод, ки дар маҳалла тиҷорати худро боз кунанд. Гуфта мешавад, ки ҳудуди 15 ҳазор оила аз ин фурсат истифода бурда, кумакпулӣ ва як қисми ҷуброни музди меҳнатро гирифтанд. Дар натиҷа дар тўли шаш сол фарогирӣ ба таълими томактабӣ аз 25 то 70 фоиз афзоиш ёфт.

Дар натиҷаи барномаҳои ислоҳот, ки ба ҳал намудани мушкилоти камбизоатӣ ва нобаробарӣ нигаронда шудаанд, аз аввали соли 2021 сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз 17 то 11 фоиз поён рафт. Тақрибан 2 миллион нафар аз камбизоатӣ раҳо шуданд.

Дар давраи қиёсан кўтоҳ ба дараҷаи назаррас коҳиш дода шудани миқёси камбизоатиро директори МТИИ «Дастоварди назаррас ва натиҷаи сиёсати самараноки иҷтимоӣ» номид.

Барандаи ҷоизаи Нобел оид ба иқтисодиёт Абҳиҷит Банерҷӣ дар шарҳи арзёбии ислоҳот дар Ўзбекистон ба табиати бисёрҷанбаи оилаҳои камбизоат ишора карда, таъкид сохт, ки «Дар ҷаҳон оилаҳои камбизоат зиёданд, аммо ҳам як оилаи камбизоат ба таври худ камбағал аст».

Профессор Банерҷӣ ба равиши Ўзбекистон бобати мубориза бо камбизоатӣ – мақсаднокии баланди он ва хусусияти инфиродӣ алоҳида истода қайд намуд, ки «низоми маҳаллабайъ» дар Ўзбекистон оиди аз камбизоатӣ баровардани ҳар як оилаи эҳтиёҷманд ретсепти ба худ хос дорад.

Дар рафти тақдимоти Индекси бисёрҷанбаи камбизоатӣ ба иштирокчиён натиҷаҳои аввалини тадқиқоти МТИИ пешниҳод карда шуданд. Аз ҷумла, барои аҳолие, ки аз душвориҳо азият мекашанд, нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ бодиққат таҳлил карда шуданд. Ба инҳо дастрасӣ ба беҳдошт, ҳисобсуратҳои бонкӣ, оби ошомиданӣ, манзил, хидматрасонии тиббӣ, воситаҳои алоқа, гармӣ, бехатарии озуқаворӣ, доштани активҳо, сатҳи таълим ва шуғли ғайрирасмӣ дохил гардиданд. Таҳлили аз ҷониби МТИИ пешниҳодшуда нишон дод, ки ҳалли мушкилот дар соҳаи таълим, бехатарии озуқаворӣ ва шуғл самти муҳим барои минбаъд коҳиш додани сатҳи камбизоатии бисёрҷониба дар Ўзбекистон мебошад. Мақсаднок ҳал намудани мушкилот дар ин соҳаҳо барои коҳиш додани мушкилоти сершумор дар байни аҳолии осебпазир иқтидори бузург дорад.

Дар хотима таъкид гардид, ки сарфи назар аз мушкилоти боқимонда, арзёбиҳои пешниҳодшуда аз пешрафти назаррасе, ки Ўзбекистон дар мубориза бо камбизоатӣ ва нобаробарӣ ба даст овардааст, шаҳодат медиҳад.

«Ин саъю кўшишро идома дода, Ўзбекистон метавонад сатҳи муносиби ҳаётро барои тамоми шаҳрвандон таъмин кунад, камбизоатиро аз байн барад ва пайравии худро ба Рўзномаи СММ то соли 2030 тасдиқ кунад», – қайд намуд коршинос.

Тақдимоте, ки аз ҷониби директори МТИИ гузаронда шуд, таваҷҷуҳи хоссаи коршиносони мактаби иқтисодиёти Париж ва таҳлилгарони J-PAL-ро ҷалб кард. Намояндагони маркази тадқиқотии J-PAL Europe, ки ба таҳия ва татбиқи равишҳои ба далелҳо асосёфта дар сиёсати иҷтимоӣ машғул аст, ба ҳамкориҳои минбаъда бо МТИИ изҳори ҳавасмандӣ карданд. Коршиносони байналмилалӣ ба тадқиқот ва натиҷаҳои ислоҳоти пешниҳодшуда, гузарондани муҳокимаи ҳамаҷонибаи илмии онҳо баҳои баланд доданд. Дар натиҷаи чорабинӣ ҷомеаи бонуфузи коршиносони байналмилалӣ, Модели миллии коҳиши камбизоатӣ дар Ўзбекистон ҳамчун намунаи муваффақи сазовори паҳнкунӣ дар кишварҳои рў ба тараққӣ эътироф карда шуд.

**АИ «Дунё»**, *шаҳри ПАРИЖ.*

# СӮХ: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДО

(Аввалаш дар саҳ.1).

### 2. Семоҳа ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатӣ муайян шуданд

Бар асоси маълумоти ҳокимияти ноҳия аз ҷамъи аҳолии ноҳия дар айни ҳол 29 ҳазору 896 нафар бо шуғл таъмин карда шудаанд. Дар бахши расмӣ 11 ҳазору 689 нафар, дар бахши ғайрирасмӣ 13 ҳазору 247 нафар машғули кор мебошанд.

Аммо 2 ҳазору 457 нафар ё 7,6 фоизи сокинони ноҳияро сафи бекорон ташкил мекунад. Ин нишондиҳанда дар аввали соли ҷорӣ 9,3 фоизро ташкил менамуд ва сол аз сол рӯ ба коҳиш хоҳад овард.

– Бо мақсади таъмини иҷрои саривақтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 9 январи соли 2024 «Дар бораи таъсиси ҷойҳои нави кор ва барномаи дастгирии шуғли аҳолӣ» барои бо кор таъмин намудани 9 ҳазору 32 нафар дар тамоми соҳаҳо нақшаҳо тасдиқ карда шуданд. Аз ҷумла, дар соҳаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ – 708 нафар, дар соҳаи хизматрасонӣ ва соҳибкорӣ –5 ҳазору 200 нафар, дар соҳаи кишоварзӣ – 2 ҳазору 843 нафар ва дар соҳаи сохтмон 281 нафар бояд бо кор таъмин карда шаванд, – гуфт Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

Дар моҳҳои январ-апрели соли ҷорӣ бо ҷои кор таъмин намудани 2 ҳазору 617 нафар сокинони шаҳраку рустоҳои ноҳияро барномарезӣ карда будем, ки ба ҷойҳои кори доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ ҷалб карда шаванд. Аммо дар амал теъдоди ба кор таъминшудагон бештар аз 3 ҳазору 150 нафарро ташкил дод, ки боиси сарфарозӣ мебошад, – тазаккур дод С. Сайидмӯсоев.

### 3. Дастгирии муҳоҷирони корӣ – масъалаи муҳими рӯз

Иҷрои қарори Президенти мамлакат таҳти рақами 59 аз 4 апрели соли 2024 «Дар бораи такмили равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва чораҳои иловагии дастгирии шахсони машғул ба кори муваққатӣ дар хориҷа» аз масъалаҳои басо муҳими рӯз барои мардуми ноҳия хонда шуд. Дар ин робита барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар хориҷа кор карданро доранд, як қатор имтиёзу имкониятҳои иловагӣ муқаррар шудааст ва ин тартиби нав манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунад.

– Вобаста ба ин масъала мушовири Вазири коҳиши камбизоатӣ ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ботир Парпиев бо аҳолӣ вохӯрда, масъалаҳои дар ин фармони Сарвари давлат аксёфтаро муфассал шарҳу тавзеҳ дод, – иброз намуд Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

Гуфта мешавад, барои муҳоҷирони корие, ки аз Сӯх дар хориҷа машғули меҳнат ҳастанд, барои хизматрасонии адвокатҳо, ташкилотҳои хадамоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи тартиби муқарраршуда ҳақ пардохта мешавад. Инчунин онҳо аз тариқи маркази тамоси шабонарӯзӣ имконияти ройгон занг задан ва бо ташкилотҳои кӯмакрасон тамос гирифтанро доранд. Дар пайи он, барои шаҳрвандоне, ки аз хориҷа бармегарданд, имтиёзу имкониятҳо муайян карда шудаанд.

– Дар айни ҳол ҳокимияти маҳаллӣ барои ба корфармоёне, ки муҳоҷирро ба кор қабул мекунанд (ғайр аз ташкилотҳои буҷавӣ) ба ҳар як коргари ба кор қабулшуда дар давоми 12 моҳ 500 ҳазор сӯм ёрдампулӣ медиҳад. Шахсони мубталои бемориҳои аҳамияти иҷтимоидошта ва аъзои оилаи онҳо аз муоинаи тиббии ройгон бархурдор мешаванд, ки маблағаш аз ҳисоби буҷаи давлат ҷуброн мегардад, – изҳор намуд ҳокими ноҳия.

Маълум шуд, ки то 1 апрели соли 2024 дастикам 2 ҳазору 300 нафар сокини ноҳия ба кишварҳои хориҷӣ рафтаанд. 2 ҳазору 179 нафарро мард ва 93 нафарро занҳо ташкил мекунанд. Аз ҷумла, 2 ҳазору 199 нафар ба Русия, 52 нафарро ба Қазоқистон, 6 нафар ба Туркия, 4 нафар ба Кореяи Ҷанубӣ, 11 нафар ба кишварҳои дигар рафтаву машғули меҳнат мебошанд.

### 4. Кор бо ҷавонон беш аз пеш вусъат пайдо мекунад

Маълум аст, ки имрӯзҳо корҳои иҷрокардаи ёварони ҳокими ноҳия дар доираи низоми «Корҳои маҳалла» амалӣ мешаванд. Гуфта мешавад, он ҷиҳати таъмини шуғли аҳолӣ, афзоиши даромади онҳо нақши асосӣ мебозад. Дар давраи гузаштаи се моҳи соли ҷорӣ бо кумаки ёварони ҳокими ноҳия 2 ҳазору 115 нафар ҷавонон ба кори доимӣ, мавсимӣ ва инфиродӣ таъмин гардидаанд.

Дар асоси тавсияҳои ёварони ҳоким барои татбиқи 199 лоиҳа 6 миллиарду 332 миллион сӯм қарзҳои имтиёзнок ихтисос ёфтааст. 84 нафар сокини ноҳия 504 миллион сӯм маблағҳои ёрдампулӣ ё субсидия гирифтаанд. 104 нафар дар курсҳои касбомӯзӣ пешаи соҳибкориро омӯхтаанд, ки аз онҳо 82 нафар (ё 79%) ба таври расмӣ соҳиби кор шудаанд. Дар ин раванд 39 лоиҳа бо маблағи 6,3 миллиард сӯм татбиқ гардида, 123 ҷои нави кор фароҳам оварда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ 77 субъекти ҳуқуқӣ ва 104 субъекти соҳибкории инфиродӣ аз қайди давлатӣ гузаштаанд.

Гуфта мешавад, бо қарори комиссияи ноҳиявӣ оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо 611 нафар ҷавонон ба ҳайати роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаю ташкилотҳои дорои иштироки давлатӣ вобаста карда шуда, 8 ҳазору 924 нафар ҷавонон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва органҳои мудофиа ба шефӣ гирифта шудаанд.

Инчунин, бо 611 нафар ҷавонони категорияи «вазнин», ки ба дастгирии махсуси давлат эҳтиёҷ доранд, намояндагони корхонаю ташкилотҳо ва роҳбарони вобасташуда суҳбату мулоқотҳо баргузор намудаанд ва дар ҳалли мушкилоти онҳо иқдомоти ҷиддӣ гирифтаанд.

Бо мақсади омӯзонидани касбҳои замонавӣ имрӯз 10 нафар ҷавонони ноҳия дар марказҳои гуногуни таълимӣ, воқеъ дар шаҳри Фарғона ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон барои ба роҳ мондани робитаи мустақим ва ошкоро бо ҷавонон оиди баланд бардоштани неруи зеҳнии онҳо таҳти унвони «Роҳбар ва ходимони ҷавон», «Депутат ва ҷавонон», «Соҳибкорон ва ҷавонон» ва амсоли он вохӯриву чорабиниҳои дигар роҳандозӣ шудаанд.

Гузашта аз ин, дар доираи лоиҳаи «Фарзандони Ибрат» тавассути барномаи мобилӣ зиёда аз 100 нафар ҷавонон дах забони хориҷӣ, мисли англисӣ, русӣ ва арабӣ меомӯзанд ва соҳиби шаҳодатномаи забони хориҷӣ мегарданд.

Инчунин, дар моҳҳои январ-марти соли ҷорӣ рӯйхати 30 нафар ҷавонони бекор, ки хоҳиши омӯхтани касбҳои замонавиро доранд, тартиб дода шуда, онҳо дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳри Марғилон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба чорабиниҳои оммавии варзишӣ ва пурмазмун ташкил намудани вақти холии онҳо аз рӯи 26 намуд дар байни ҷавонони то 30-сола давраи маҳаллии мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида шудаанд.

### 5. Таълим ва тарбияи томактабӣ – асоси пешрафти ҷомеа

– Дар ноҳияи мо 26 муассисаи таълими томактабии давлатӣ ва 48 муассисаи таълими томактабии оилавии ғайридавлатӣ фаъолият мекунанд. Дар ҳамаи ин кӯдакистонҳо шароити хубу созгор фароҳам оварда шудааст. Шумораи бачагони синни томактабӣ (3-6-сола) дар ноҳияамон 6 ҳазору 934 нафарро ташкил мекунад. Аз ин шумор 4 ҳазору 800 нафар ба кӯдакистонҳо фаро гирифта шудаанд, – мегӯяд мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Фозилҷон Мирзоев.

Вай меафзояд, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фарогирии кӯдакони 3-6 сола ба муассисаҳои томактабӣ дар семоҳаи аввали соли 2024 дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қақир бо гунҷоиши 120 нафар ва дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Себзор» бо гунҷоиши 90 нафар биноҳои хушсохту замонавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Дараҷаи фарогирӣ алҳол 69,2 фоиз буда, талош ба харҷ дода мешавад, ки то охири соли равон 5 ҳазору 290 нафар кӯдак ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта мешаванд ва сатҳи фарогирӣ ба 76,2 фоиз мерасад.



### 6. Коҳиши сатҳи камбизоатӣ – дастоварди муҳим

Тибқи омори расмӣ дар ибтидои соли ҷорӣ дар ноҳияи Сӯх теъдоди оилаҳои камбизоат 3 ҳазору 760-ро ташкил додааст. Аммо бо сайъ ва эҳтимоми дастандаркорони идораи маҳаллии он дар се моҳи соли равон ин рақам ба 227 коҳиш ёфтааст. Ба гуфтаи мудири шуъбаи ноҳиявии он Ғаниҷон Мелников ин дастовард ба он далел сурат гирифт, ки 76 нафар тавассути гирифтани қарзи имтиёзнок, 21 нафар тавассути гирифтани кумакпулӣ аз феҳрасти оилаҳои камбизоат хориҷ карда шудаанд. 19 нафари дигар ба касбомӯзӣ ва соҳибкорӣ омӯзонида шуда, 111 нафар ба ҷойҳои кори доимӣ ва мавсимӣ таъмин гардидаанд.

– Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ дар ноҳияи мо ба 0,4 фоиз коҳиш ёфта, ҳоло 9,7 фоизро ташкил мекунад. Мо корҳоро дар ин самт пайваста идома дода, аз 27 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия 2-тоашро ба минтақаҳои холӣ аз бекорӣ табдил додем. Дар пайи он ҷамоатҳои шаҳрвандони Ровон ва Қалъа низ ба чунин минтақаҳо табдил дода хоҳанд шуд, – мегӯяд Ғаниҷон Мелников. – 151 хонаводаи камбизоат аз ҷониби бонкҳо ва ёварони ҳокими ноҳия дастгирӣ карда шуданд, 270 нафар ҷойи кори даромаднок ба даст овардем. Аз ҷумла, 49 нафар бо чорводорӣ, 4 нафар бо боғпарварии интенсивӣ, 48 нафар бо паррандапарварӣ, 5 нафар бо занбӯри асалпарварӣ, 35 нафар бо дӯзандагӣ, 64 нафар бо нармкунии заминҳо, 33 нафар бо таҷҳизоти истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ машғуланд.

– Барои иҷрои ин корҳо бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби қарзҳо ва фонди меҳнати ҷамъиятӣ, инчунин тараққӣ додани соҳибкорӣ 1 миллиарду 575 миллион сӯм ва аз ҳисоби маблағҳои субсидия 448 миллион сӯм ихтисос доданд. Дар доираи барномаи «Қадами аввал ба тиҷорат» бонкҳо ба 10 сокини ноҳия, ки даромади доимӣ надоранд, 170 миллион сӯм қарзи бидуни гарав ҷудо намуданд. Ин боис гардид, ки бархе аз оилаҳои камбизоат соҳиби даромад ва зиндагии орому осуда гарданд, – изофа намуд Ғаниҷон Мелников.

### 7. Меҳмонхонаҳо – барои сайёҳон

Дар ноҳияи Сӯх арзи вуҷуд намудани меҳмонхонаҳои замонавӣ ҳодисаи беназир аст. Зеро қаблан меҳмонҳо, новобаста аз он ки расмӣ ба Сӯх омадаанд ва ё инфиродӣ, меҳмони хонаводаҳо мешуданд ва ин расму ойини мардуми Сӯх тайи даҳсолаҳо давом карда меомад. Аммо бо тақозои вақту замон дар маркази ноҳия – шаҳраки Ровон ва деҳаи Сариканда меҳмонхонаҳову хостелҳо дар хидмати меҳмонону сайёҳон қарор доранд.

Дар соҳили дарёи Сӯх қомат афрохтани бинои хушсохти сеошёнаи «Шабода» («Насим») ба ин минтақаи хушбоду ҳаво шукӯҳи тоза ато намудааст. Маълум шуд, ки он ба соҳибкори варзидаи Сӯхзамин Салимҷон Раҳимбердиев тааллуқ дорад.

– Меҳмонхона дар ивази шаш миллиард сӯм бунёд ёфт. Як қисми маблағи барои сохтумони он харҷшуда аз ҳисоби қарзи бонкӣ сурат гирифт. Меҳмонхона барои пазируфтани бештар аз сад нафар меҳмон муқаррар шудааст ва аз тамоми шароити мусоид бархурдор мебошад. Инчунин, ошхонаи таомҳои миллӣ, ба ғайр аз сокинони меҳмонхона, барои мизоҷони дигар низ хидмат мерасонад, – мегӯяд Салимҷон Раҳимбердиев.

Дар ноҳия соҳибкорон Зафар Мирзоев, Назирҷон Тоҳиров, Карим Ғоибназаров ва Баротҷон Саримсоқов низ аз ҳисоби маблағи худ меҳмонхона кушодаанд.

### Ба ҷойи хотима

Ноҳияи Сӯх бо қаҳрамонҳои ҷангу меҳнати худ дар вилояти Фарғона ва берун аз он ном баровардааст. Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Амиралӣ Саидбеков дар ҷанги зидди фашизм ҷасорату шуҷоати беназир нишон додааст. Ҳамтои ӯ – Тешабой Одилов, ки Мирзо Турсунзода ӯро «Баҳодури тоҷик» хондааст, инчунин 110 нафар шоирон, нависандагон, журналистон ва аҳли қалами тоҷик, ӯзбек, рус ва белорус дар жанрҳои гуногун қаҳрамониҳои ӯро бо ифтихор васф намудаанд, дар Сӯхзамин зодаву парварда шудааст. Дар ҷодаи меҳнати босамар Иброҳим Сафаров, Файзулло Иброҳимов, Ӯрунбой Шамсов, Муҳиддин Юнусов, Обидхӯҷа Иброҳимов, Назирой Маҳматова ва даҳҳо нафари дигар ифтихори мардуми ин ноҳия мебошанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*




***Солҳои охир сафари сайёҳон ба Бухоро беш аз пеш меафзояд. Агар соли гузашта ба вилоят 1 миллиону 387 ҳазор нафар сайёҳи хориҷӣ омада бошад, дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ аз хориҷа 455 ҳазору 220 нафар сайёҳ омадааст. Дар низоми сайёҳии Бухоро саҳми сайёҳии зиёратӣ мақоми махсус дорад. Ҳафт соли охир дар ин равия қариб 12 баробар афзудани миқдори сайёҳон тасбити ин гуфтаҳост.***

# БА БУХОРО МУКОФОТ СУПОРИДА ШУД

Аз ҷониби дигар салоҳияти сайёҳии шаҳри куҳнаро намояндагони кишварҳои Индонезия, Малайзия, Сингапур, Туркия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Эрон, Русия, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва ғайра эътироф кардаанд. Ба мақсади инкишоф додани ҳамкориҳои соҳа ва иштирок дар анҷумани байналмилалии «Halal In Travel-Global Summit – 2024» намояндагони Бухоро бо сарварии ҷонишини ҳокими вилоят Ботурҷон Шаҳриёров ба Сингапур сафар карданд. Дар ҳамоише, ки 30 май аз ҷониби Созмони байналмилалии «Cregcent Rating»-и Сингапур баргузор гардид, қариб аз 30 давлат беш аз 80 нафар намоянда иштирок кард. Дар ин маросим, ки таҳти шиори «Баргардондани зоиронимусалмон ба мероси ислом» баргузор шуд, рӯнамоии сайёҳӣ дар Ӯзбекистон: дигаргуниҳои муҳими мусбати равияи сайёҳии зиёратӣ сурат гирифт. Дар анҷуман ҷонишини ҳокими вилояти Бухоро маърӯза карда, ҳозиронро бо иншооти мероси исломии вилоят, аз ҷумла Имом ал-Бухорӣ, Ҳафт пир, силсилаи Баҳоуддини Нақшбанд, инчунин мусоидати фароҳамовардашуда ошно намуд. Роҳбари созмон Фазал Бахараддин андешаҳои вакили бухороиро бобати дигаргуниҳои азими исломӣ тақвият дод. Ҳамин тариқ, шаҳри Бухоро барои намоиши мероси исломӣ ва мавқеи таърихиаш дар олами ислом бо ҷоизаи «Шаҳри Бухоро – мавзеи мероси исломии сол» ва сертификат тақдир ёфт. Ба ин муносибат дар ҳамоиш ислоҳоти соҳаи сайёҳии Ӯзбекистон эътироф ва мукофоти солонаи «Halal In Travel-Global Summit – 2024» ба вилояти Бухоро супорида шуд.

Сарвари созмон Фазал Бахараддин, ҳангоми гузориши худ имкониятҳои дар мамлакати мо фароҳамовардашуда, аз ҷумла нисбати соли 2021 ба ҷойи 7-ум баромадану мувофиқи рейтинги нави соли 2022 ҷойи 9-умро ишғол кардан ва дар қатори давлатҳои Сингапуру Баҳрайн аз сафи 10 давлати беҳтарин мақом гирифтани Ӯзбекистонро таъкид намуд.

Дар ҳамоиш намояндагони вилоят бобати инкишоф додани ҳамкориҳои судманд бо роҳбарони якчанд ширкат ва ташкилоти хориҷӣ мулоқот карданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# АЙ БИҲИШТАМ, ӮЗБЕКИСТОНАМ!

***Дар деҳаи Навободи ноҳияи Бӯка 1-уми июн ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон ва 2-солагии созишномаи байни ду давлат – Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо номи «Дӯстии абадии ду халқ» ба таври тантанавӣ ҷашн гирифта шуд.***

Дар ҷашнвора раиси Маркази миллӣ ва фарҳангии тоҷикони вилояти Тошканд Саврон Мирзоев, ҷонишини ҳокими ноҳияи Бӯка Одил Ҷӯраев, инчунин депутати ноҳия Усмон Ҷӯраев, омӯзгорону хонандагон ва аҳли деҳа ширкат варзиданд. Омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 9-уми ноҳия Сулаймонбек Содиқов оиди мақсад ва аҳамияти ҷашнвора ҳарф зад. Сипас, хонандаи синфи 5-ум Абдулазиз Бахтоварзода бо қироати шеъри «Ай биҳиштам, Ӯзбекистонам» ба чорабинӣ ҳусни оғоз бахшид, ки писанди ҳамагон гардид.

Сипас ҷонишини ҳокими ноҳия О. Ҷӯраев ҳозиронро бо дастовардҳо ва фаъолияти шахсони алоҳида, ки барои рушди соҳаҳои гуногун дар миқёси ноҳия ва вилоят саҳми назаррас мегузоранд, шинос намуд.

Депутати ноҳия, омӯзгори собиқадор Усмон Ҷӯраев оиди бо меҳнати ҳалоли худ мавқеи намоёнро ишғол намудани меҳнаткашони деҳа ва боиси обрӯву эътибор гаштани онҳо ҳарф зад.

Дар поёни ҷашнвора аз ҷониби марказ ба фаъолони деҳа ташаккурномаву туҳфаҳои хотиравӣ ва ба наврасони мӯҳтоҷ ва имконияташон маҳдуд туҳфаҳо супурда шуд.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**Меҳровар ҚОДИРЗОДА.**

*Вилояти ТОШКАНД.*

## ХАБАРҲО

### САВОРАҲО ДАР АТРОФИ ХИЁБОНИ АМИР ТЕМУР

***Дар шаҳри Тошканд ташкил кардани саф ва қадамзании бонизоми аспҳо ба анъана табдил ёфтааст. Имсол низ чунин чорабинӣ таҳти ташаббуси якҷояи Гвардияи миллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳокимияти шаҳри Тошканд дар атрофи хиёбони Амир Темур мутантан сурат гирифт ва ба Рӯзи байналхалқии муҳофизати бачаҳо бахшида шуд.***

Парад бо иштироки наздик 100 сар аспҳои зотдор ба амал омад. Вакилони спорти аспҳо, чапандозҳои кавалерияи савораи Гвардияи миллӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ, аъзои ҷамоаи яккачини Ӯзбекистон оид ба спорти аспи Федератсияи аспарварӣ ва спорти асп аспҳоро идора карданд. Дар ҷараёни чорабинӣ тамошои бамомади якчанд ҷамоаи оркестрии муассисаҳои тобеи Гвардияи миллӣ дар назди меҳмонхонаи «Ӯзбекистон» ва Қасри анҷуманҳои байналхалқӣ барои аҳолӣ ва меҳмонони пойтахт, айни замон, мароқангез буд.

### БАРПОИ МУЗЕЙИ МЕРОСИ ҶАДИДҲО ДАР БУХОРО

***Дар шаҳри Бухоро кушода шудани Музейи мероси ҷадидҳо ба нақша даромадааст. Музей дар қаламрави маҷмааи «Ҳавлии поён»-и шаҳр барпо карда мешавад.***

Ба таркиби сохтори Бунёди рушди маданият ва санъати Ӯзбекистон воридшавии осорхонаи мазкур мавриди назар аст.

Музей асосан ба ҷамъ кардан, нигоҳ доштан, омӯхтан, барқарор сохтан, нусха бардоштан ва нашр намудани ҳуҷҷатҳои таърихӣ, ки ба ҳаракати ҷадидҳо бахшида шудаанд, машғул хоҳад гашт.

Агентии мероси маданӣ бо унвони «Ҳиссаи ман дар мероси миллӣ» аксияи умумихалқӣ мегузаронад. Дар он барои музей мавод, ашё, расмҳои ноёб вобаста ба ҳаракати ҷадидҳо харид карда мешавад.

### ФОТОЭЛЕКТРОИСТГОҲИ ОФТОБӢ ДАР ПОП

***Яке аз компанияҳои олмонӣ Hyper Partners дар ноҳияи Попи вилояти Намангон барпои фотоэлектроистгоҳи офтобиро ба нақша даровард, ки 500 мегаватт иқтидор дорад.***

Барои ин ҷалб намудани сармоя ба андозаи 350 миллион доллар пешбинӣ шудааст.

Энергияи барқе, ки истгоҳи барқии мазкур истеҳсол мекунад, ба сохторҳои миллии барқии Ӯзбекистон фурӯхта мешавад. Хариди энергияи барқ аз ҷониби ин нуқтаҳо ба муддати 25 сол кафолатнок гардонда шудааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Ноҳияи Хонқаи вилояти Хоразм дорои 671 гектар тутзор аст. Соли равон аҳли ноҳия аз 469 қуттии кирмак 287 тонна пилла ба даст оварданиянд.*

*Пайдост, ки ба мақсади рушди пиллакорӣ бо ташаббуси Президенти кишвар нархи хариди пилла 25 фоиз зиёд карда шуд. Барилова, пиллакорон аз андоз озод гардиданд ва даври як моҳи меҳнаташон ба як соли собиқаи корӣ баробар дониста шуд.*

*Дар ноҳия ба таъмини аҳолӣ бо шуғл эътибори алоҳида дода мешавад.*

***Дар акс:*** *эътибор ба таъмини аҳолӣ бо шуғл дар ноҳияи Хонқа.*
***Аксбардор: Б. САИДОВ (ӮзА).***

# ШАСТИ КАМОЛОТИ МАКТАБИ САНЪАТ

***Дар мактаби санъат ва мусиқии бачагони рақами 4-уми шаҳри Самарқанд ду анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ – 60-солагии ташкилёбии мактаб ва хатми навбатии ҳунаромӯзон баргузор гардид.***

Сарвари мактаб Ирода Шокирова таъкид намуд, ки таълимгоҳ барои ба камол расидани санъаткорону рассомони хидмати шоиста кардааст.

– Ҳоло дар мактаби мо 547 нафар писарону духтаракони дилбастаи санъат асрори навохтани созҳои мусиқӣ ва расмкаширо аз 82 нафар устодон омӯхта истодаанд. Шогирдон дар 13 самт истеъдоди хешро сайқал медиҳанд.

Боиси хушнудист, ки дар мактаби мо барои омӯхтани асбобҳои миллӣ ва хориҷӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

Ҳоло 85 нафар «парранчак»-ҳо номаи камол мегиранд, ки минбаъд дар мактабҳои олӣ таҳсилро идома диҳанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# МАҚСАДИ АСОСӢ – ХУШНУДИИ КӮДАКОН

**_Дар ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Раҳимсӯфӣ»-и ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё ба шарафи Иди байналмилалии ҳифзи кӯдакон боғчаи замонавие сохтаву ба истифода дода шуд, ки дорои 120 ҷой аст._**

Кунун шодии бошандагони маҳаллаи мазкурро ҳаду каноре нест. Дар ин ҷо қаблан як боғчаи оилавӣ амал мекард, ки як теъдоди хурди кӯдаконро фаро мегирифт. Бо сохтаву ба истифода дода шудани боғчаи нав ниёзи аҳолӣ дар ҳадди ақал сода гашт. Ин муассисаи давлатии таълими томактабӣ таҳти рақами 47 сабти ном гашта, барои сохтмонаш 6 миллиард сӯми буҷа сарф гардидааст. Боғча дар асоси технологияи охирин барпо шуда, бо кулли таҷҳизоти зарурӣ таъмин аст.

Назар ба маълумотҳо, дар қаламрави вилоят боз 45 боғчаи давлатӣ, муассисаи томактабии асосашон шарикии давлативу хусусӣ ва соф оилавӣ дари худро ба рӯйи кӯдакон боз хоҳанд кард. Аз ин се боғчаи комилан нави замонавӣ сохта шуда ва 28 боғчаи амалкунанда аз таъмири кул берун хоҳанд омад. Ҳукумати вилоят ният дорад, барои ин корҳо 185 миллиард сӯм сарф намояд.

Бояд таъкид кард, ки аз ибтидои сол то ҳол 454 боғча ба фаъолият шурӯъ карда, таълим ва тарбияти 16100 нафар кӯдаконро фаро гирифтаанд. 430-тои ин муассисаи томактабӣ дар шакли оилавӣ арзи ҳастӣ намуда, ки имрӯз дар байни аҳолӣ маъруфият доранд.

Назар ба маълумоти оморӣ соли 2017 дар тамоми шаҳру навоҳии вилоят ҳамагӣ 326 кӯдакистон амал мекард, ки онҳо 13 дарсади кӯдаконро фаро мегирифт. Пас аз ислоҳоти куллӣ ва эътибори махсуси ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин соҳаи хеле муҳим шумори боғчаҳо хеле афзуда, дар байни ҳафт соли баъдӣ ба 4061 расидааст, ки назар ба соли 2017 12,5 маротиба афзунтар аст. Ҳоло дар тамоми вилоят 63 фоизи кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ таъмин гардидаанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**



*Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Қӯнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба зиёда аз 134 ҳазору 420 нафар аҳолии ҳудуд хидмати тиббӣ мерасонад.*

*Алҳол дар таркиби иттиҳодияи мазкур шифохонаи марказӣ, поликлиникаи бисёрсоҳа ва бунгоҳҳои тиббии оилавӣ дар маҳаллаву авулҳо фаъолият мебаранд. Инчунин ба иттиҳодия 67 бригадаи тиббии иборат аз шифокор, амалиётчӣ ва ҳамшираҳои патронажу дояҳо вобаста карда шудаанд.*

*Бригадаи номбурда дар байни халқ гашта, баҳри пешгирии касалиҳо, мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ корҳои тавзеҳотӣ пеш мебарад.*

***Дар сурат:** дар иттиҳодияи тиббии ноҳияи Қӯнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗ

Дурӯғи хатарноктарин ҳақиқати таҳрифшуда аст.

**Г. Лихтенберг.**

Дар мадди назар доред: онҳое, ки айбу гуноҳҳои шуморо мешуморанд, дар орзуи ҳукумат кардан ба шумоянд.

**Конфутсий.**

Ҳасад садҳо бор бадтар аз гуруснагӣ бошад. Он рӯҳи гурусна аст.

**Мигел де-Унамуно.**

Дар тӯли умр ҳаминро дарк намудам, ки худро аҳмақ вонамуд карда, бояд чу доноён амал кард.

**Луи де-Монтескё.**

Оне, ки ночизии худро дар паси хидматҳои аҷдоди худ пинҳон медорад, нодоне беш нест.

***

Дар ҳамаи давру замон бадхоҳон саъю кӯшиш ба харҷ додаанд, ки иқдоми ғамангези худро дар паси пардаи манофеи дину ахлоқ ва ватандӯстӣ пинҳон доранд.

**Ҳенрих Ҳайне.**

Шахси бад наметавонад хушбахт бошад, зеро вақте танҳо мемонад, бо бадкирдоре, ки дар худ ниҳон аст, рӯ ба рӯ мешавад.

**Эммануил Кант.**

Шумо бояд барои ҳақиқат талош варзед. Дар акси ҳол, ҳеч чизед.

**Аарон Руссо.**

Оне, ки барои маориф пулро дареғ медорад, зиндонҳо хоҳад сохт.

**Отто фон-Бисмарк.**

Ба қадри инсон вақте мерасанд, ки дигар вуҷуд надорад.

**Ремарк.**

Чизе, ки зан дораду бо он дили мардро тасхир мекунад, меҳрбонии ӯст, на сурати зебояш.

**Уилям Шекспир.**

Арзиши онҳое, ки дуруст меандешанд, нисбат ба қимати нафароне, ки бисёр чизро медонанд, баландтар аст.

**Ҷон Локк.**

Пирӯзии шоистатарин пирӯзӣ ба худхоҳию худпарастӣ аст.

**Пиер Буаст.**

Касе, ки худро пайдо кардааст, вобастаи андешаи дигарон нахоҳад шуд.

**Алберт Эйнштейн.**

Барои ҳамболи уқоб будан, набояд бо мурғи марҷон дон хӯрд.

**Брайн Трейси.**

**Таҳия ва тарҷумаи А. СУБҲОН.**

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# ШОҲИМАРДОН РАҲБАРОНИ ВИЛОЯТҲОИ ФАРҒОНА ВА БОДКАНДРО ПАЗИРУФТ

**_Як ҳайати густардаи вилояти Бодканди Ҷумҳурии Қирғизистон таҳти раёсати ҳокими ин вилоят Абдикарим Алимбоев ба вилояти Фарғона ташриф овард. Дар ин ҳайат прокурор, сардорони идораҳои корҳои дохилӣ ва гумруки вилоят, инчунин раисони ҳукумати ноҳияҳо ва шаҳрҳои ҳаммарз бо вилояти Фарғона шомил буданд._**

Дар посгоҳи марзии деҳаи Шоҳимардони ноҳияи Фарғона намояндагони вилояти Бодкандро ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров дар ҳамроҳӣ бо прокурори вилоят Бахтиёр Исмоилов, сардори Садорати корҳои дохилӣ Азизбек Икромов, инчунин роҳбари идораи гумруки вилоят, ҳокимони шаҳри Қувасой, ноҳияҳои Фарғона, Риштон ва Сӯх ба таври хос пешвоз гирифтанд.

Меҳмонон нахуст аз маҷмааи Ҳазрати Алӣ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Шоҳимардон дидан намуданд. Дар мулоқоти раҳбарони ду вилояти ҳамҷавор масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои байниминтақавии вилоятҳои Фарғона ва Бодканд дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисод, сармоягузорӣ, иҷтимоию гуманитарӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва ғайра ба таври муфассал таҳти баррасӣ қарор дода шуданд.

Зимни мулоқот таъкид гардид, ки дар натиҷаи иродаи баланди сиёсии сарони давлатҳои Ўзбекистону Қирғизистон дӯстӣ ва равобити бародаронаи халқҳои ду марз боз ҳам мустаҳкам гардида, ҳамкориҳои минтақаҳоиназдимарзӣ ба зинаҳои нав мебароянд.

Дар мулоқоти мазкур аҳамияти густариши иштироки мутақобилаи соҳибкорони ду вилоят ва иртиботи мустақими тоҷирони Фарғонаву Бодканд, дар баробари он, ба нафъи мардуми ду вилоят хидмат кардани афзоиши лоиҳаҳои муштараки истеҳсолӣ таъкид гардид. Гузашта аз ин, ҷонибҳо дар бораи зудтар ба истифода додани «Хонаи савдои Қирғизистон», ки дар маркази шаҳри Қувасой сохта мешавад, ба тавофуқ расиданд.

Рушди ҳамкории вилоятҳои Фарғона ва Бодканд дар соҳаи сайёҳӣ, баргузории чорабиниҳои муштарак дар соҳаи фарҳанг ва варзиш низ дар ҷараёни гуфтушунид мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Гуфта шуд, ки зарурати табдил додани мақоми постгоҳи дуҷонибаи сарҳадию гумрукӣ, воқеъ дар роҳи Фарғона – Шоҳимардон ба постгоҳи дорои мақоми байналмилалӣ ба миён омадааст. Дар он сурат шаҳрвандони давлатҳои дигар низ метавонанд ин посгоҳҳоро убур кунанд ва худро ба манзил расонанд.

**_Дар шаҳри Хива таҳти шиори «Хива – шаҳри сайёҳии Созмони ҳамкории исломӣ – 2024» чорабинии байналмилалӣ баргузор гардид. Дар он масъулини соҳаи сайёҳии кишварҳои узви СҲИ ва роҳбарони як қатор созмонҳои байналмилалӣ ҷамъ омаданд._**

# ХИВА – ПОЙТАХТИ САЙЁҲИИ ҶАҲОНИ ИСЛОМ

Дар чаҳорчӯби чорабинӣ нахуст Иҷлосияи XII вазирони сайёҳии кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ таҳти шиори «Барқарории саноати сайёҳӣ ва ривоҷи мустаҳками он» ба кор оғоз кард. Дар он намояндагон аз Туркия, Сенегал, Сомалӣ, Қазоқистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Уганда, Озарбойҷон, Бангладеш, Буркина-Фасо, Габон, Миср, Ироқ, Лубнон, Малайзия, Индонезия, Сингапур, Малдив, Уммон, АМА ва амсоли он ширкат карданд.

Тавре ки зикр шуд, соли 2022 дар Иҷлосияи XI-уми вазирони сайёҳии кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ дар шаҳри Боку шаҳри бостонии Хива бо таърихи дувунимҳазорсола «Пойтахти сайёҳии ҷаҳони ислом» дар соли 2024 эълон шуда буд.

Дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ Ҳусейн Иброҳим Таҳа ҳангоми суханронӣ гуфт, ки умедвор аст дар ҷараёни раёсати Ўзбекистон дар Конфронси исломӣ имкониятҳои сайёҳӣ боз бештар тавсеа мeёбанд ва дар ин самт ҳамкориҳо беш аз пеш доман фарох менамоянд.

Дар осорхонаи давлатии «Ичан-Қалъа» роҳандозии мусобиқаи байналмилалӣ таҳти унвони «Паҳлавони Маҳмуд – бозии мардонагӣ» сурат гирифт.

Дар мусобиқа беш аз 25 варзишгар аз 15 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Австрия, Британияи Кабир, Латвия, Покистон, Зеландияи Нав, Қирғизистон, Қазоқистон, Эрон, Ҳиндустон, Тоҷикистон ва кишварамон ширкат намуданд.

– Ман мақомоти Хиваро ба муносибати он, ки шаҳр ба таври ҳақиқӣ шаҳри сайёҳии ҷаҳони ислом барои соли 2024 эълон шуд, табрик мегӯям. Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) ҳадаф дорад, ки иқтисоди кишварҳои узви онро тавассути рушди устувор баланд бардорад. Минтақа, ки беш аз 500 миллион аҳолӣ дорад ва маҳсулоти холиси дохилии он қариб 2,5 триллион долларро ташкил медиҳад, дорои салоҳиятҳои бузурги сайёҳӣ мебошад. 86 объекти мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО, як ҷо бо Хиваи бостонӣ, соли гузашта ҳудуди 80 миллион сайёҳро ҷалб кардаанд, – изҳор намуд дабири кулли Созмони ҳамкории иқтисодӣ Хусрав Нозирӣ.

Дар чаҳорчӯби чорабиниҳо намоишгоҳи «Қадамҷойҳои муқаддаси дунёи ислом» меҳмонони зиёдро ба канор пазируфт.

Намоишгоҳ имкон фароҳам овард, ки бинанда дар бораи таърих, мероси фарҳангӣ, арзишҳо, расму оин ва анъанаҳои кишварҳои исломӣ маълумоти бештар ба даст орад ва тасаввуроти худро дар ин самт ғанӣ гардонад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Рӯзномаҳои «Жиззах ҳақиқати» ва «Джизакская правда» 50-сола шуд. Раҳбарони ҳозираи рӯзнома (аз чап) Шароф Раҳимов (котиби масъули «Джизакская правда»), Ўктам Одилов (марҳум) котиби масъули «Жиззах ҳақиқати», Баҳодир Назаров – сармуҳаррири рӯзномаҳои «Жиззах ҳақиқати» ва «Джизакская правда», Ҳакимбой Тилябов – ҷонишини сармуҳаррир.*

***Суратгир: Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.***



# «АЗ ДАҲАН БАР ДАҲАН РАВАД ШЕЪРАМ...»

## Гузориш аз 70-умин солгарди шоир Абдуллоҳи Раҳмон

Чанд рӯз пеш ноҳияи Сариосиё дари худро ба рӯи аҳли илму фарҳанг, мухлисони каломи бадеъ боз намуд. Бо ташаббуси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони Ўзбекистон, Донишгоҳи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав, маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ», маҳфили адабии «Амвоҷи Варорӯд» ва «Бунёди фарҳангии «Нурсултон Азимов» анҷумани илмӣ-адабӣ бахшида ба хотири 70-умин солгарди шоири шаҳиру зиндаёд Абдуллоҳи Раҳмон баргузор гардид.

Ба ин муносибат аз ҳар гӯшаву канори ҷумҳуриҳои Ўзбекистону Тоҷикистон шоиру нависандагон, дӯстон ин ҷо сарҷамъ шуданд.

Қадами аввал меҳмонон дар назди қабристони деҳаи Гулистон – ватани шоир ҷамъ гардида, қабри марҳумро зиёрат карда, сари хокаш гул гузоштанд ва ба некӣ ёдаш намуданд, баҳри оромиши руҳаш оятҳо аз Қуръони маҷид тиловат карда шуд. Сипас, ҳамагон ҷониби мактаби рақами 38, ки Абдуллоҳи Раҳмон аз соли 1977 то 2009 он ҷо ба шогирдон таълим додааст, роҳ пеш гирифтанд.

Ниҳоят, дар толори боҳашами Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав анҷумани байналмиллии илмӣ-адабӣ бо номи «Абдуллоҳи Раҳмон – тараннумгари дӯстӣ» ифтитоҳ гардид. Толор пуропури меҳмонону мухлисон буд. Саҳнаро сурати калонҳаҷми шоир, ки атрофашро аҳли қаламу дӯстонаш иҳота карда буданд ва макети калонҳаҷми ҷилди якуми куллиёти шоир ва китоби «Абадзинда» (мураттиб Маҳкам Ҷаъфаров), ки маҷмӯи мақолаҳои ёдбудӣ дар бораи шоир, нақди адабӣ дар бораи ашъораш ва бахшидаҳо дар он гирд оварда шуда буд, зеб медод. Ба қавле, баробари ҷашни 70-солагии шоир тақдимоти ин ду китоб низ ҷараён дошт.

Аз 1 май то 20 май бо ташаббуси гурӯҳи эҷодии «Ориён»-и Самарқанд, маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» ва Бунёди фарҳангии «Нурсултон Азимов» таҳти унвони «Сайқали истеъдод» озмуни шеърхонӣ аз ашъори шоир Абдуллоҳи Раҳмон ва навиштани тазмин ба ин байти шоир:

*«Рӯйи сурхи одамӣ дар ору*
*номус асту бас,*
*Кӯрдил дар доми нафси хеш*
*маҳбус асту бас».*

эълон шуда буд. Озмун ҷамъбаст шуда, натиҷаҳо эълон гардиданд. Мувофиқи баҳодиҳии ҳайати ҳакам тазмини Фозили Шукурзод ва Исмоил Зарифӣ аз беҳтаринҳо ҳисобида шуд.

Ба шарафи ҷашн озмуни хониши шеър аз ашъори ин устоди зиндаёд ва навиштани тазмин ба як байти ӯ ҷараён гирифт. Дар он ҷамъулҷамъ 270 нафар иштирок намуданд.

Тасмим гирифта шуд, ки аз ҳар гурӯҳ то се нафар беҳтаринҳо муайян ва ба ҷоизаҳо пешбарӣ карда шаванд. Бо назардошти ҳамаи ин дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои озмун мувофиқи холҳое, ки ҳакамони алоҳида ба хониши иштирокдорон гузоштаанд, ғолибон муайян гардиданд.

Аз рӯйи натиҷабардории ҳайати ҳакамон ба ғолибони озмун диплом ва ба сазоворони ҷойи якум телевизор, ҷойи дуюм телефони мобилӣ ва ҷойи сеюм соати калони деворӣ тақдим карда шуд.

Баъд аз тақдимоти ҷоизаҳо устоди Донишгоҳи давлатии Тирмиз, раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони Сурхондарё Рамазон Абдуллоев суханронӣ карда, ғолибонро табрик гуфт ва ба меҳмонони олиқадре, ки аз роҳи дур омада, дар чорабинӣ ширкат варзиданд, изҳори ташаккур намуд ва ба як гурӯҳ ашхосе, ки барои хубу хотирмон гузаронидани ин чорабинӣ саҳми босазо гузоштанд, ташаккурномаи Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилоят ва ҷилди якуми куллиёти Абдуллоҳи Раҳмонро армуғон кард.

Ба таҳсин сазовор аст, ки якчанд шеъри устод Абдуллоҳи Раҳмон аз ҷониби ҳофизони хушовози воҳаамон ба оҳанг даровarда, суруда шудаанд. Сароида шудани суруди «Модар» аз ҷониби ҳофизи хушовоз Асадуллоҳи Қаландар, «Ватан» аз ҷониби сарояндаи хушсадо Комилҷон Қобилов ва таронаҳо аз ҷониби Нуралӣ Муродалиеви ширинадо табъи ҳозиринро болида сохт.

Баъди анҷоми қисми бадеии чорабинӣ суҳбат дар сари як пиёла чой идома ёфт. Дар ин ҷо низ як идда меҳмонон дар бораи шоир Абдуллоҳи Раҳмон ва ашъори ӯ суханони самимӣ баён карданд ва ҳофизи ширинадо Тоҳирҷон Зокиров бо таронаҳои дилнишин хотири меҳмононро шод гардонид.

Хуллас, дар маҷмӯъ, чорабинии фарҳангӣ бахшида ба 70-солагии шоири зиндаёд Абдуллоҳи Раҳмон басо хотирмон ва дилнишин гузашт. Ин мисраъҳои худи шоир гӯё баёнгари ин лаҳзаҳои нотакрор буданд:

*Аз даҳан бар даҳан равад*
*шеърам,*
*Гар танам зери хок мемонад.*
*Гар хӯрад хок ҷумла аъзоям,*
*Ниятам поки пок мемонад.*

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

# ТАНҲОӢ

*(Ҳикоя)*

Айёми шукуфо ва фасли гармо гузашта, тирамоҳ дар замин доман густурда буд. Дарахтон шабеҳи инсонҳои бедӯсту роҳгумзада, ғамдору беғамхор, дилсарду пурдард музтару парешон ба назар мерасиданд. Шамол сард мевазид. Донадона борон ҳам меборид. Аслан фаҳмидан душвор буд, ки борон меборид ё барф, ё барфу борон омехта. Резадонаҳо ба сару рӯ неш мезад: неши зулмкеш ва сарду норозаткунанда. Гӯё паём медод, ки фасли сармо дар мекӯбад.

– Шуд, бас! Косаи сабрам лабрез шуд. Зери тазйиқу азобҳоят ранги сабзам зард шуд. Рагу паямро хушк кардӣ.

– Ин ба ман лаззат мебахшад. Ҳар гоҳ касеро ғамгину сарсон, чизеро парешон, дарахтеро решакану биноеро валангору вайрон бинам, ҳастиямро эҳсоси ифтихор фаро мегирад. Ифтихормандона мегӯям, ки тавоноаму тавонистам.

– Тавонистам! Аҷабо! Магар бо бадниятиву бадтинатӣ ва фиребу найранг ҳамла овардан ва забунгирӣ кардан тавоноист?

– Муҳим, бо чӣ роҳе набошад, ба мақсад расидан аст, азизакам, – садои худ баландтар кард. – Фаромӯш накун, ки шумо ҳеч гоҳ бо ман мухолифат карда наметавонед.

– Чӣ қадар дӯст, ҳамзоду ҳамҷинсони маро барвақт аз аслашон дур кардӣ, рухзарду бо замин яксон намудӣ. Магар ин ҳама кам аст, ки акнун маро ҳам намегузорӣ то ду-се рӯзи дигар реша дар пайванд дошта бошам.

– Тақдири нотавонҳо ин аст! Ононе, ки заифанду ноустувор ихтиёр ба боди фано месупоранд. Пойдорӣ, устуворӣ, беқарорӣ ва зафарёбӣ танҳо ба ман хос аст, – қоҳ-қоҳ зада хандид, ки бештар ба уллос шабоҳат дошт. – Агар тобу тоқат ва имкони муқобилат дорӣ, тавону бимон.

– Ин манманӣ, худситоӣ ва гапҳои ҳавоият бекораанд. Дуруст, ки мо зудбоварем ва ба ту ҳам бовар кардем. Фикр кардем, ки дасти меҳр ба рухи мо заданат аз меҳрубонӣ аст ва мехоҳӣ гардҳои рӯйи моро тоза намоӣ. Аммо мақсадат дигар – нобуд кардани мо будааст. Ба қавле, мо аз ту умеди ҷома кардему ту эзори моро рабудӣ. Акнун аз хайри ту ҳеч умеде надорем. Лекин аз хотир мабар, ки дар урфият «то реша дар об аст, умеди самаре ҳаст» мегӯянд. Мо ноумед намешавем. Чароғи умеди сарсабзӣ, умри ҳамешагӣ, пойдориву суботкориро дар дил фурӯзон нигоҳ медорем.

– Ту ин қадар саркашу якрав ҳастӣ! Бо чӣ ин қадар менозӣ? Ин сабру таҳаммул аз куҷо? Шуд акнун, таслим шав. Ба тақдират тан деҳ! Даст аз асл раҳо кун!

– Ҳеч гоҳ! Бигзор, фишори бештар биовар, дасти таҳқиру маломат ба рӯям зан, бо тазйиқҳо ҳоламро танг кун, аммо таслим намешавам. Шояд ҳамагӣ чанд рӯзаки дигарам монда бошад. Аммо то даме, ки раге ба асли худ пайванд дорам, бо он меназам ва барои устуворӣ ҳаракат мекунам.

– То дирӯз забонат ба комат часпида буд. Ғунгӣ гуфта наметавонистӣ. Акнун худро дар майдон танҳо дида, калонгириву калонгапӣ мекунӣ. Бас кун манманиро!

– Рост гуфтӣ. Хомӯш будам. Чунки дар он айём фикр мекардам, ки ҳама чиз аз тақдир аст. Аммо акнун фаҳмидам, ки тақдирро тақдирҷунбоне будааст. Дар ин чанд моҳ даҳон аз сухан баста, рафтори атрофиёнро мушоҳида кардам ва бисёр чизро шоҳид шудам. Гоҳе баъзе нохудогоҳҳо дарахтҳои сарсабзро ҳам бешоху барг ва ҳатто решакан карданд. Гоҳе ононе, ки дӯст медонистем, рафтори душманонаро раво диданд. Инак, ту ҳам чӣ қадар дӯсту ҳамҷинсони маро бармаҳал нобуд кардӣ. Лек дар ёд дошта бош, ки мо бисёрем, беҳадду шуморем.

– Бисёр! – баланд гуфт, ки шуввосаш то дуриҳо доман паҳн кард. – Бешумор! – Чӣ хел бисёр? Ман дар ин атрофу акноф дӯстони бешуморатро хору зор мебинаму халос.

(Давомаш дар саҳ.4).




# ДӮСТИАМОН АБАДӢ БОШАД!

## Гуфтугӯ бо Артисти халқии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қароқалпоқистон Ёдгор Саъдиев

**— Оғои Ёдгор, шуморо ба муносибати дастёбӣ ба унвони Артисти халқии Тоҷикистон аз номи ҳазорон алоқамандони санъат табрику муборакбод мегӯем.**

– Сипос. Ин унвон мояи ифтихори ман аст. Шахсан аз дасти Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гирифтани унвон ва дар байни ду президент ба сурат афтодан дар рӯзгори инҷониб яке аз рӯзҳои фаромӯшношуданист. Медонам, маро дар Тоҷикистон низ хуб мешиносанд. Камина чил сол қабл ба Тоҷикистон омада, дар филми «Ҷӯра-сайёди минархарӣ» ба сурат афтода будам. Филм тӯли дуним сол ба навор гирифта шуд. Лозим омад, ки хеле зиёд ба Душанбе равуо кунам. Дар Тоҷикистон на танҳо маро, балки «Ҷӯра-сайёди минархарӣ»-ро низ фаромӯш накарда будаанд. Филм соле ду маротиба тавассути телевизион намоиш дода мешудааст. Фикр мекунам, унвон арзёбии меҳнати инҷониб дар «Тоҷикфилм» низ мебошад. Дар бораи филм алоҳида суҳбат хоҳем кард. Ҳоло гуфтаниям, ки аз Душанбеи зебо хеле хушам омад. Солҳои банаворгии филм Душанбе мисли хонаи худам шуда буд. Дар меҳмонхонаи «Интурист» мезистам. Имрӯз меҳмонхонаро ҷуста пайдо накардам. Номи «Тоҷикистон»-ро ҳам дошт. Кинотеатри «Ватан» низ, ки он ҷо филми «Мағлубнопазир»-ро намоиш дода буданд, бароям яке аз ҷойҳои азиз аст. Баъди тамошои филм, маро ба нақши Тағойи филми «Ҷӯра-сайёди минархарӣ» даъват намуда буданд.

Душанбе куллан чеҳра дигар кардааст, шаҳрро шинохта намешавад. Биноҳои осмонбӯс, кӯчаҳои васеъ ва хиёбонҳои пургул ба ҳусни шаҳр афзудаанд. Дилбастагиям ба Душанбе бештар шуд.

**— Хуб медонем, ки дӯстони қадршиноси шумо дар Тоҷикистон зиёданд. Дар байни онҳо санъаткорон низ ҳастанд...**

— Дуруст гуфтед, дар Тоҷикистон дӯстону қадрдонҳои зиёд дорам. Таассуф, ки баъзеи онҳо ин ҷаҳонро тарк кардаанд. Ато Муҳаммадҷонов, Ҳабибулло Абдураззоқов, С. Азаматова... Кадомашонро гӯям... Лекин дар Рӯзҳои кинои Ӯзбекистон аз дидори  як дӯст шод шудам. Якдигарро гарм ба канор гирифтем. Эшон лауреати мукофотҳои давлатӣ, Артисти халқии СССР Ҳошим Гадоев буданд, ки ӯро дар сартосари шӯравии собиқ мешинохтанд. Оғои Ҳошим дар филми «Ситораи Улуғбек» нақши Абдулатифро бозидаанд. Ман дар Душанбе ба саҳна баромада изҳор доштам, ки Ҳошим Гадоеви шуҳратёр санъаткори басе бузурги касбӣ аст. Ӯ Шукур Бурҳоновро устоди худ медонист. Дар пайравӣ ба устодаш нақши Шоҳ Эдипро бозидааст. Ҳунарпешагони Тоҷикистон дар Ӯзбекистон устодони зиёд доранд. Вале инҷониб дар Тоҷикистон устоде дорам, ки ӯ Марат Орипов мебошад. Аз нақшҳои бозидаи ӯ хеле хушам меояд. Бо оғои Марат чорпанҷ маротиба вохӯрдаам. Манзили охираташ обод бод.

Вақте дар кӯчаҳои Душанбе гаштугузор доштам, ёд аз санъаткорони номии тоҷик кардам, ки дар «Ӯзбекфилм» нақш бозидаанд. Сурати Сайрам Исоева, ки нақшҳои Нодирабегим ва Майсараро бозидааст, пеши назар омад. Дар ҳаққи санъаткорони ӯзбекистонӣ — устод Набӣ Раҳимов ва Абдураҳим Абдуваҳҳобов, ки дар филми «Ҷӯра-сайёди минархарӣ» нақш бозидаанд, дуо кардам. Вақте филми «Ҷӯра-сайёди минархарӣ» дар кӯҳҳои назди Душанбе ба навор гирифта мешуд, зимистони сард ҳукумат дошт. Ҳама ҷоро барф пӯшида буд. Аз баландии панҷсад метр бо кумаки ресмон болову поин мефуромаданд. Мо ба ҳамон баландӣ баромадем. Манзараи аҷиб: дар поён барфи сап-сафед, дар боло офтоб шаъшаъапошӣ мекард. Устод Набӣ Раҳимов пӯстинро аз бар кашиданд. Басуратгирӣ дар ағбаи Анзоб ва Бухоро идома ёфт...

Солҳои пеш мо ба Тоҷикистон мерафтем, ҳунарпешагони Тоҷикистон ба Ӯзбекистон омада нақш мебозиданд. Чунин ба назар мерасад, ки он рӯзҳои хуб омада истодаанд. Дар соҳаи кино мо боз ба ҳам қаробат меҷӯем.

**— Чанд сол қабл дар даҳони алоқамандони футбол ин сухан сайр дошт: «Дар дастаи футболи «Пахтакор» дарвозабони ӯзбек пайдо шудааст, ки хеле чусту чолок аст». Оғои Ёдгор, он дарвозабон шумо будед. Вале чаро, ғайричашмдошт, ба олами санъат ворид шудед?**

— Аз овони бачагӣ ба санъат иштиёқ доштам. Зеро падарам — Ҳабиб Саъдиев актёри театри Ҳамзаи собиқ буд. Ӯ ҳамроҳи Набӣ Раҳимов, Шукур Бурҳонов, Олим Хӯҷаев ва Карим Зокировҳо ба ин театр омада буд. Мегӯянд, ки аз хун ба хун мегузарад. Бародарам — Артисти халқии Ӯзбекистон Хайрулло Саъдиев ва ман бо роҳи падар рафтем. Вақте ба Институти театр ва рассомӣ дохил мешудам, ректор савол дод: «Чаро шумо аз баҳри футбол баромада, ба олами санъат ворид шуда истодаед?» Ман суханони Мир Алишер Навоиро як андак тағйир дода, посух додам: «Муҳаббати ман ба футбол аз муҳаббатам ба санъат шарораест». Сипас монолог иҷро кардам. Монологамро шунида гуфтанд, ки ту ба институт дохил шудӣ. Дар байни санъаткорон як инҷониб устоди варзиш ҳастам.

Моҳи декабри соли 1964 маро ба дастаи «Пахтакор» қабул карда буданд. Аз ӯзбекон ҳимоятгар, нимҳимоятгар ва ҳамлавар буд, вале дарвозабон набуд. Мухлисонам кам набуданд. Футболро дӯст медорам. Ба туфайли футбол дар филми секисмаи «Ринг» нақши муштзанро бозидаам. Боксро ба ман дӯсти қадршиносам, «бабри Осиё» — Руфат Рисқиев ёд дода буд. Нақшро бе дублёр иҷро карда будам. Бояд бигӯям, ки дар филми «Мағлубнопазир» низ ҳамаи трюкҳоро худам иҷро кардаам, ки ба туфайли футбол аст...

**— Шуморо дар Тоҷикистон на танҳо ба сифати Тағойи «Ҷӯра-сайёди минархарӣ», балки ба сифати Асадбек низ хуб мешиносанд. Аксарият, пас аз тамошои «Шайтанат», ба фарзандони худ номи Асадбекро додаанд. Асадбек дар талқини шумо басе ҳавасангез аст. Зеро ӯ дар китоб қаҳрамони манфист, вале дар кино, бо вуҷуди баъзе ҷиҳатҳои номатлубаш, ба образи мусбӣ табдил ёфтааст. Биноан, тамошобин ӯро хуш қабул мекунад.**

— Мо талқини Асадбекро дар филм якҷо бо муаллифи «Шайтанат» — Тоҳир Малик омода карда будем. Манзили охирати оғои Тоҳир обод бод! Камина дар асари эшон — «Тири охирин» нақши Ҷаҳонгирро бозидаам. Ин одам 37 сол бегуноҳ ҳабс шудааст. Дар маҳбас бо як олими рус, ки ӯ низ маҳбус буд, баҳс мекунанд. Ӯ нисбати халқамон як андак суханони таҳқиромез мегӯяд. Ҷавоби Ҷаҳонгир ба олими рус ин буд: ту нисбати халқи ман бад магӯ, ман ӯро бо тамоми камбудиҳояш дӯст медорам. Магар намешавад дар талқини Асадбек ин усулро ба кор барем? Асадбек низ вакили халқи мост. Аз ин рӯ, намешавад дар баробари ҷиҳатҳои манфиаш, тарафҳои мусбиашро низ нишон диҳем? Бо ин суолҳо ба Тоҳир Малик рӯ овардам. Оғои Тоҳир, баъди мулоҳизаҳои тӯлонӣ, пешниҳодҳоямро пазируфтанд.

Дар Душанбе ҳис кардам, ки мухлисони Асадбек кам нестанд. Одамони ношинос ба инҷониб чун ба Асадбек муроҷиат мекарданд. Робита ва рафтуои мо ҳеч гоҳ қатъ нахоҳад шуд. Деворе номаълум тӯли чанд сол дар байни мо рӯида буд. Шукр, ки имрӯз ба туфайли иродаи сиёсии роҳбарони ду давлат он аз байн бардошта шуд.

**— Шунидем, ки Шумо ба дунболи амалӣ гардидани нақшаи бузурге мегардед, ки он дар саҳни театр намоиш додани дӯстии устоду шогирд — Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишри Навоӣ будааст...**

— Ин нақша дар дили ман, баъди гирифтани унвони Артисти халқии Тоҷикистон, тавлид шуд. Шавкат Мирамонович гуфтанд, ки дар мо доир ба зиндагинома ва эҷодиёти Ҷомӣ ва Навоӣ филме ба навор гирифта мешавад. Акнун итминон дорем, ки дар театри миллӣ доир ба ин мавзӯъ спектакли хуб ба саҳна гузошта мешавад. Ман аз Душанбе ба шоир ва драматурги шинохта — Усмон Азим дар ин хусус занг задам.  Пешниҳоди Президентамонро ёдрас намудам. Ҳоло Усмон Азим рӯйи асари нав ба кор шурӯъ кардааст. Худо ба нияти некамон бирасонад. Итминони комил дорам, дӯстию бародарие, ки ба он Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ ҳусни оғоз бахшидаанд, абадӣ хоҳад шуд. Инҷониб дар Душанбе як сухани Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар банди ҳаяҷон шунидам. Эшон гуфтанд: Шавкат Мирамонович, Шумо тӯли ҳафт соли охир дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро аз нав барқарор намуда, деворро аз байн бардоштед. Ин баробар аст ба савоби ҳафт маротиба ба ҳаҷ рафтан...

Мо — санъаткорон дар роҳи таҳкими дӯстии халқҳо камарбастаем. Камина, ҳамчунин, бо орзуе ба сар мебарам, ки он гузоштани спектакл дар Театри ба номи Лоҳутии шаҳри Душанбе мебошад. Мехостам он ба ду забон — ӯзбекӣ ва тоҷикӣ бошад. Мо инро дар Театри давлатии ба номи Бердақи Қароқалпоқистон таҷриба кардаем. Мисли ҳамин, мехоҳам дар Душанбе дар як саҳна актёрони тоҷик ба забони тоҷикӣ ва актёрони ӯзбек ба забони ӯзбекӣ ҳарф зананд.

Бигузор, дӯстиву бародарии ду халқ беш аз пеш таҳким ёбад!

**— Барои суҳбати пурмуҳтаво арзи сипос менамоям.**

— Саломат бошед!

**Суҳбаторо Ӯринбой УСМОН.**



***Дар сурат:*** *Ёдгор Саъдиев дар образи Тағой аз филми «Ҷӯра-сайёди минархарӣ».*

*Гулназар КЕЛДӢ,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## «САРМАНЗИЛИ МАН БӮЙИ ТУ ДОРАД, ГУЛИ МАН...»

(РУБОИЁТ)

*Аз рози нуҳуфтаам забон месӯзад,*
*Аз доғи шукуфтаам равон месӯзад.*
*Рӯзам пайи зиндагӣ гузар карду маро*
*Аз шеъри нагуфта устухон месӯзад.*

***

*Модар, модар, ҷаҳони армон, модар,*
*Машъал ба сари гӯри шаҳидон, модар.*
*Ту куштаи доғи аскарони навхат,*
*Ту ғолиби корзори Гирмон, модар.*

***

*Модар, зи хаёли ту нахуфтам берун,*
*Ҳарфе зи ҳавои ту нагуфтам берун.*
*Аз хона агарчӣ дур рафтам пайи бахт,*
*Аз хонаи чашми ту нарафтам берун.*

***

*Аз мӯйи сафеди модарам ёд кунам,*
*Чун мурғ ба вақти субҳ фарёд кунам.*
*Бечора будам пеши дили вайронаш,*
*Акнун биравам, мазораш обод кунам.*

***

*Рӯзе, ки ба ман номи маро медоданд,*
*Аз накҳати гул коми маро медоданд.*
*Рӯзе, ки суруди Рӯдакӣ мехонданд,*
*Ғамхораи ҳар шоми маро медоданд.*

***

*Бори дили ман кашидаӣ ту ҳама умр,*
*Бар доди дилам расидаӣ ту ҳама умр.*
*Монанди тилое, ки бувад дар хунам,*
*Дар пайкари ман давидаӣ ту ҳама умр.*

***

*Ҳаргиз наравад зи сина меҳри авалам,*
*Хуршеди нахустаму сипеҳри авалам.*
*Аз сӯзи ту равшанӣ биёмӯхт дилам,*
*Шуд бӯсаи охири ту шеъри авалам.*

***

*Ҳар нуқта ба рӯйи дафтарам месӯзад,*
*Чун оби ду дидаи тарам месӯзад.*
*Гар захми тани Айнӣ ба ҳам омадааст,*
*Аз захми дили ӯ ҷигарам месӯзад.*

***

*Саргашта макун ту ин сари сарсонро,*
*Ошуфта макун ту ин дили ҳайронро.*
*Рӯзе чу китоби баъди маргам оӣ,*
*Оию наёбӣ ошиқи пазмонро.*

***

*Чун номаи ошиқона овора шудам,*
*Бе марҳамату лутфи ту бечора шудам.*
*Гуфтам, ки маро ба дида мебардорӣ,*
*Аз дасти тағофули ту сад пора шудам.*

***

*Дилро агарам маҳрами розат бикунӣ,*
*Шодикафу шодимарги нозат бикунӣ.*
*Ман шиква кунам зи кӯтаҳии шаби васл,*
*Ту шиквaи мӯҳои дарозат бикунӣ.*

***

*Тирезаи мо чашми ба чашм истода,*
*Шохи гули мо барги ба барг афтода.*
*Дарвозаи мо дӯши ба дӯш аст мудом,*
*Танҳо дили мо рӯйи ба рӯ накшода.*

***

*Сарманзили ман бӯйи ту дорад, гули ман,*
*Ин маҳфили ман бӯйи ту дорад,*
*гули ман,*
*Азбаски ба бӯйи ту хазон нест маро,*
*Ҷону дили ман бӯйи ту дорад, гули ман.*

## ХУШСУХАН, ХУШХӮВУ ХУШПИНДОР БОШ!

*Эй бародар, зираку ҳушёр бош!*
*Дар раҳи Ҳақ бо дили бедор бош!*

*Аз дурӯғу аз хабосат кун ҳазар,*
*Росткору шахси хушкирдор бош!*

*Худ ибодат аз барои Ҳақ намо,*
*Эзиди яктои худ хушдор бош!*

*Доимо ишқи Худо ҷо кун ба дил,*
*Дар раҳи зикри Худо бисёр бош!*

*Бар Худои хеш доим ҳамд хон,*
*Дар паноҳи исмати Ғаффор бош!*

*Аз ҳуҷуми мушрикон асло матарс,*
*Дар раҳи тақвою дин ҷаррор бош!*

*Ҷисмро зиннат бидеҳ бо хулқи хуб,*
*Хушсухан, хушхӯву хушафкор бош!*

*Олимону шоиронро дӯст дор,*
*То бар онҳо ташнаи дидор бош!*

*Бар ятиму бекасу бечорагон*
*Раҳм кун, то марди беозор бош!*

*Волидонро ҳурмату иззат намо,*
*Баҳри эшон доиман ғамхор бош!*

*Ҳам Ватанро ҳифз бинмо аз ғаним,*
*То ватанпарвар ва меҳандор бош!*

*Ончунон зӣ, ки ҳаётат гул кунад,*
*Ҳамчу гул бошу гули бехор бош!*

*Лутф бинмо бар ҳама хурду бузург,*
*То накӯандешу хушрафтор бош!*

*Аз лабат шаккар бирезад дар сухан,*
*Меҳрубону шахси хушгуфтор бош!*

*Дӯстӣ кун бо ҳама хурду калон,*
*Хоксору марди хушпиндор бош!*

*Ҳаққи худро бар касу нокас мадеҳ,*
*Чун ту меҳнат мекунӣ, ҳақдор бош!*

*Ҳарзагӯиву дағалгӯӣ макун,*
*Дар ҳаётат,  ҷони ман, боор бош!*

*Ин насиҳат чун зи ман бишнидаӣ,*
*Бо Расулбекат муҳиббу ёр бош!*

***Расулбеки АҲМАДЗОД,***
*ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.*

## ПАНДИ ЗИНДАГӢ

Афлотунро гуфтанд:

– Чаро ҳаргиз ғамгин намешавӣ?

Гуфт:

– Бар он чӣ ки мондагор нест, дил намебандам!

***

Фардо як роз аст, нигаронаш набош!

Дирӯз як хотира буд, ҳасраташро нахӯр!

Ва имрӯз як ҳадя аст, қадрашро бидон ва аз ҳар лаҳзаи умрат лаззат бибар!

Аз фишори зиндагӣ натарсед, дар ёд дошта бошед, ки фишори зиёд сангро ба алмос табдил медиҳад!..

Ғами фардоятро нахӯр. Худои дирӯз ва имрӯз Худои фардо ҳам ҳаст!

Мо аввалин бор аст, ки бандагӣ мекунем, вале ӯ қарнҳост, ки Худоӣ мекунад.

Пас ба Худованд бовар кун ва фардову фардоҳоро ба ӯ бисупор!!!

Таҳияи **А. ДУРАНДЕШ.**

## ТАНҲОӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар асл бисёр будан, ин ҳамроҳ, ҳамроз, ҳамдил ва ҳамқадамони бешумор доштан аст, ки дар мушкилӣ дасти ҳам бигиранду бар зидди унсурҳои гуногун, ки бод аст ё обу оташ муттаҳидона мубориза баранд. Аммо шумо беҳадду шумор бошед ҳам, наметавонед дасти ҳам бигиред, ба ҳам кумак кунед. Агарчанд беададед, ҳама ба ҳоли худу ба сари худу гирифтори сурати худ ҳастед. Ин аст, ки таслим кардани шумо осон аст. Як ба гирду пеши худ назар кун ва ҳоли ҳамнавъонатро бубин, ки ҳама ранги хокро гирифтаанд. Ҳатто тавони навҳа кашиданро надоранд. Дар ҳадде, ки агар бо по зер кунӣ, оҳашон дар гулӯяшон мемонад.

Аслан, онҳоеро, ки байни худ муҳаббат надоранд ва ҳар яке барои худ менозаду худхоҳона зиндагӣ менамояд ва ҳамеша дар ғами хеш мебошад, қисмат ҳамин аст: парокандагӣ. Аз асли худ дур шуда, таҳтуттуроб мешавад.

– Бо ин чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Худбину худхоҳ будед, на худшиносу худогоҳ, – мутакаббирона сар ба авҷ кашид боди сарсарӣ ва аз пойбанди хаёл гардидани як дона барги нӯги шохи дарахт истифода бурда, онро барканд.

– Ту бо ин суханонат наметавонӣ маро навмед созӣ, – аз олами пиндошт берун омада, дар ҳоли парвоз баланд гуфт барги танҳо. – Дар мавсиме асли худро тарк кардан қисмати мост. Аммо ҳеч фаромӯш накун, ки мо реша дар замин дорем. Ин сукути моро мағлубият пиндошта, ҳавобаландӣ макун. Ин хомӯшиву дармондагии мо барои ҷамъ овардани тавону нерӯ баҳри дубора сабзидану шукуфтан аст.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД.**

# САНЪАТ БА ДОРОИИ МАЪНАВИИ ИНСОН МЕАФЗОЯД

Бани башар аз азал дилбохтаи санъат буду ҳаст. Одамон наметавонанд бе санъат ба сар бурдан. Ҳоло инсонҳо аз осори санъат, хоссатан, пайкараҳои бо камоли маҳорат офаридашуда бо ҳаяҷони зиёд дидан мекунанд. Сабаб ин аст, ки импрессионистон дар олами санъат ба тасаввурот ва хаёлбандӣ беш аз андоза дода шуда истодаанд.

Дар шаҳрҳо бар асари бетонпӯш шудани сатҳи замин ва нопадид гардидани растаниҳо одамон хастагии рӯҳиро эҳсос менамоянд. Ин ҳолат ба он оварда расонда истодааст, ки онҳо ба қадри зебоӣ бирасанд. Алоқамандони санъати классикӣ дар ҷараёни саёҳат аз осори пайкарасозон завқ бурданро дӯст медоранд. Сабаби ба худ ҷалб намудани осори ҳунарие, ки миллионҳо нафар аҳолии сайёраро ба худ ҷалб менамоянд, дар ин ҷост.

Имрӯз ба биноҳои баландошёнаи шаҳрҳо беш аз пеш оро медиҳанд, ки яке аз сабабҳои аз эътибор як андак дур мондани пайкараҳост. Ҳоло дар хусуси осори ҳунарие ҳарф заданием, ки  дар асрҳои минбаъда низ «абадият»-ашонро гум нахоҳанд кард. Бешубҳа, дар ин маврид асари Микеланҷело — «Давид» дар ҷойи якум қарор мегирад. Қаҳрамони асотирӣ, ки чанд метр баландӣ дорад, басе воқеӣ тасвир ёфтааст. Аксарият бар онанд, ки Давид одами бенуқсон мебошад. Зеро пайкару чеҳраи ӯ ҷозибаи ба худ хос дорад. Аз эҷодиёти нобиғаи флоренсӣ дар галереяи академии шаҳри Флоренсияи Итолиё мевавон баҳра бурд.

«Венерияи милосӣ», ки намунае аз эҷоди еллинистӣ мебошад, дар тӯли қарнҳо алоқамандони санъати Юнони қадимро ба худ ҷалб  намудааст. Ин пайкара, ки тӯли чанд қарн сарчашмаи илҳоми шоиру нависандагон будааст, ҳамеша дар баробари «Моно Лиза»-и Леонардо да Винчи арзёбӣ шудааст. «Венераи милосӣ» дар осорхонаи Лаври Париж таҳти назорат қарор дорад.

Дар Чин мавзеъҳои истироҳатӣ кам нестанд. Солҳои охир дар ин самти сайёҳӣ мамлакат куллан чеҳра дигар кард. Баъди роҳандозии инфрасохтори сайёҳӣ муфлисӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт. Ба рӯйи онҳое, ки аз ин кишвар дидан мекунанд, олами санъати пайкарасозӣ кушода шуд. Пайкараҳои сарбозони савор, ки аз гили сурх сохта шудаанд, ба сайёҳон таассуроти амиқ мегузоранд. Ин лашкар бино ба фармони император Син Шихуанди, бо хотири он, ки аскарон дар он дунё тобеи рӯҳонии аз ҷониби Худо таъингардида гарданд, сохта шудаанд. Ин лашкар шубу рӯз дар шаҳри Сиан сари по истода сайёҳонро пешвоз мегирад.

Асари санъати «Алӣ ва Нино» дар соҳили халиҷи Батумии шаҳри Батумии Гурҷистон воқеъ аст. Ҳар рӯз аз соати 19.00 ҷуссаҳое, ки 8 метр қад доранд, ба мақсади якҷо шудан, даврзанон ҳаракат мекунанд. Ҳамин ки як шуданд, боз шурӯъ мекунанд ба дуршавӣ. Тамара Квеситадзеро ба ин кор романи «Алӣ ва Нино» (соли 1937), ки дар он оиди  духтарону писарони ба дину қавмҳои гуногунро қабул карда натавонистани оилаҳо сухан меравад, илҳом бахшидааст. Қаҳрамонҳо дар тӯли умр ҳаракат мекунанд, ки тамоми монеаҳоро бартараф намоянд, ҳатто ба ин мақсад оила барпо менамоянд. Вале дар асар Алӣ Ниноро бо духтари кучакаш танҳо гузошта, аз ҳаёт чашм мепӯшад. Фоҷеаи ҳаёт ҳамагӣ дар тӯли 10 дақиқа, ки рақси муҳаббатро мемонад, онҳоро ба тасвирҳои оҳанин табдил медиҳад. Аз ин рӯ, пайкараи мазкур «Муҷассамаи муҳаббат» номида шудааст.

**Муҳаммадрасул МАЛИКҶОНОВ,**
**донишҷӯйи Институти наққошӣ ва дизайни миллии ба номи Камолиддини Беҳзод.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 4220. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.